**аз 20.04.2016, №128**

«Оид ба тасдиқи шакли намунавии
санади санҷиши ҳуҷҷатии андоз»

Мутобиқи муқаррароти моддаи 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамал «Оид ба гузаронидани санҷишҳои андоз», бо мақсади ташкили тартиби ягонаи ҳуҷҷатгузории санҷишҳои ҳуҷҷатии андозсупорандагон,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Шакли намунавии «Санади санҷиши ҳуҷҷатии андоз» тибқи замимаи №1 ва Талаботҳо барои тартиб додани санади санҷиши ҳуҷҷатии андоз тибқи замимаи №2 ба фармоиши мазкур тасдиқ карда шавад.
2. Фармоиши мазкур ҳангоми гузаронидани санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз риоя карда шавад.
3. Сардорони раёсатҳои Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз, сардорони раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ, шаҳри Душанбе, НАК, НАМ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳангоми анҷом додани санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз иҷрои талаботи фармоиши мазкурро ҳатман таъмин намоянд.
4. Фармоиши мазкур барои маълумот дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир карда шуда, дар Ҳафтавораи «Боҷу хироҷ» ба табъ расонида шавад.
5. Шӯъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба маълумоти воҳидҳои сохтории Кумитаи андоз, раёсатҳои андоз дар вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ, шаҳри Душанбе, НАК, НАМ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дастрас намояд.
6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи Раёсати санҷиши андозҳо вогузор карда шавад.
7. Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 06.05.2013, №161 аз эътибор соқит дониста шавад.

Раис Н. Давлатзода

Замимаи №1
Бо Фармоиши Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «20» апрели соли 2016, №128
тасдиқ гардидааст

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон *(Раёсати /Нозироти андоз дар...)*

САНАД

***«Аз натиҷаи ________________________ андозҳо дар фаъолияти***

*(намуди санчиши андоз- маҷмӯӣ, мавзӯи ва ғайра, аз ҷумла бинобар сабаби қатъи фаъолият ва ё ҳамроҳшавӣ)*

_______________________________________________________________

*(номи пурраи андозсупоранда, РМА/РЯМ)*

***барои давраи ______________________________________»***

*(давраи зери санҷиш қарор додашуда)*

______________ (ҷойи тартиб додани санад) ______________ (сана)

Мутобиқи моддаи *(ҳои)* ___ Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси Амрномаи (Амрномаҳои) Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №___ с/х аз _________, аз ҷониби ман (моён), _________________________ (ному насаби санчишгар(он) ва мансаби ишғолнамуда) бо хабардошти роҳбари _____________ (номи пурраи андозсупоранда РМА/РЯМ) *(минбаъд номи кутоҳкардашудаи андозсупоранда)* ва бо иштироки бевоситаи сармуҳосиби ҷамъият санҷиши риояи қонунгузории андоз гузаронида шуд.

***Эзоҳ.*** *Ҳангоми дар рафти санҷиш бевосита иштирок намудани роҳбари ширкат ва ё соҳибкори инфиродӣ дар ин хусус қайд карда мешаванд. Дар сурати тибқи мактуби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гузаронидани санҷиши андоз, санаи мактуб, рақами мактубро қайд намудан лозим аст.*

## I. Қисми умумӣ

1.1. Ҷойи гузаронидани санҷиши андоз ______________________________;
(маҳалли ҷойгиршавии андозсупоранда ва ё дигар ҷой)

1.2. Санҷиш ______________ (сана) оғоз карда шуда, __________ (сана) ба анҷом расид.

***Эзоҳ.*** *Ҳангоми муваққатан боз доштани амали амрнома ё дароз намудани мӯҳлати санҷиш дар санад қайди дахлдор карда мешавад.*

1.3.Дар давраи зери санҷиш қарор дода шуда, шахсони зерин ҳуқуқи имзо гузоштан дар ҳуҷҷатҳои бонкӣ, хазинавӣ, молию пулӣ, эъломия ва ҳисоботҳои андозро доштанд *(роҳбари корхона ё соҳибкори инфиродӣ, сармуҳосиб ва ё дигар шахсони чунин ваколат ба зимаашон гузошта шуда қайд карда мешаванд)*:

__________________ (ному насаб,РМА) – _________________________ (вазифаи ишғол карда), бо ваколати имзои аввал;

__________________ (ному насаб,РМА) – _________________________ (вазифаи ишғол карда), бо ваколати имзои дувум….

1.4. Суроғаи ҳуқуқии андозсупоранда *(Ҷойи истиқомати соҳибкори инфиродӣ)*:

_______________________________________________________________

Ҷойи фаъолияти андозсупоранда ва маҳалли пешниҳоди эъломияҳои андоз:

__________________________________________________________________________

(агар андозсупоранда дорои воҳидҳои махсус бошад РМА, мавқеи ҷойгиршавии онҳо низ дарҷ карда мешавад)

***Эзоҳ:*** *Дар сурати мухолифат кардани суроғаи ҳуқуқӣ воқеи ба маълумоти Феҳристи ягонаи давлатӣ, дар қисмати Пешниҳоди санади санҷиши оидиислоҳи ин камбуди қайди дахлдор карда мешавад.*

1.5. Дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ кайдҳои дахлдор тахти №____ аз «__»______ соли 20__ ворид карда шуд.

1.6. Маълумотҳо аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ:

- бахши бақайдгирии давлатӣ - _________________;
  (ноҳияи/ шаҳри)
- бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ ___________________________________;
  (сана ва № шаҳодатнома,РЯМ)
- намудҳои фаъолият, мутобиқи Иқтибос _______________________________;
-намуди фаъолият мутобиқи коди омор ________________________________;
- сармояи оиномавӣ __________ сомонӣ;
- сармояи оиномавӣ пурра карда шудааст ________ сомонӣ;
- муассис/соҳҳом *(муасисон/саҳҳомон):*
  1)____________________________________ , ҳиссаи иштирок __%, _____ сомонӣ.
  (шахси ҳукукии резидент (ғаерирезидент), ному насаби шахси вокеии резидент РМА /ғаерирезидент-шаҳрванди…)
  2) _______________________________________ ….
- тағйиротҳо дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ____________________________________
  (мундариҷаи тағйирот, сана, ҳолати ба миён омадан ва ё наомадани уҳдадории андози вобаста тағйирот қайд карда мешавад)

***Эзоҳ:***

*1.Дар сурати дар мӯҳлати мукарраргардида таъмин нагардидани ташаккулдиҳии сармояи оиноимавӣ, пешниҳод карда мешавад, ки ба Феҳристи ягонаи давлатӣ оиди иваз намудани ҳаҷми сармояи эълонгардида тағйирот ворид карда шавад ва ё тибқи тартиби судӣ, амали бақайдгирии давлатӣ бекор карда шавад.*

*2.Маълумотҳо нисбати иштирокчиёни (саҳомони)корхона пурра дарҷ карда мешаванд. Ҳангоми ҷой доштани ҳолатҳои гузашти ҳиссаи (саҳми) иштирок дар корхона, оиди уҳдадориҳои андозӣ алоҳида дар қисми андоз даромади шахсони вокеӣ ва (ё) андоз аз фоидаи шахсони ҳукукӣ қайд карда мешавад.*

*3.Тибқи талаботи моддаи 29 Кодекси андоз «Оид ба шахсони мутақобилан вобаста», масъалаи таъсири ин ҳолат ба натиҷаи уҳдадориҳои андозии андозсупоранда, мавриди санҷиш қарор дода шуда, дар ҳамин қисмати санад хулосагузорӣ карда мешавад (агар чунин ҳолат ҷой дошта бошад).*

*4. Оиди фаъолияти муассисон, саҳҳомон (аз кадом давра то кадом давра), аз ҷумла фурӯш, ройгон гузашти сахмия қайд карда шавад.*

*5. Мутобиқ ба талаботи банди 28) моддаи 17 Кодекси андоз риояи муҳлати гузаронидани ҷаласаи саҳомон (иштирокчиён)ва тақсими фоида байни онҳо (дивиденд) таҳти санҷиш қарор дода шуда, дар қисмати андоз даромад (андоз аз фоида) қайдҳои дахлдор карда мешавад.*

Дар баҳисобгири - бақайдгирии Нозироти андоз дар ____________________ бо
(ноҳияи, шаҳри)
гирифтани РМА_________ санаи «__» ________ соли 20____ гузошта шудааст.

1.7. Дар давраи зери саҷиш қарор дошта, андозсупоранда фаъолиятҳои зеринро амалӣ намудааст:

- _____________________________;
  (намудҳои фаъолият)
- _____________________________;
  (намудҳои фаъолият)

**Эзоҳ:**

1)*Агар андозсупоранда ба фаъолияти мутобики қонунгузории амалкунанда бо гирифтани иҷозатнома амалишаванда машғул гардида бошад, намуди фаъолият, мақоми иҷозатномадиҳанда, рақам ва санаи додан, мӯҳлати эътиборнокии иҷозатнома қайд карда мешавад.*

*2)Агар дар рафти санҷиш ошкор карда шавад,ки намуди фаъолияти иҷозатномадодашавандаро андозсупоранда бе гирифтани иҷозатнома амалӣ намудааст, дар ин хусус кайди дахлдор карда мешавад.*

1.8. Санҷиши қаблӣ дар фаъолияти андозсупоранда, дар асоси амрномаи № ______ аз «__» ______ соли 20___ гузаронида шуда, давраи аз «__» ______ соли 20___ то «__» ______ соли 20___-ро дар бар гирифтааст. Аз натиҷаи санҷиш қарори дахлдор қабул гардида, маблағи иловаошкоршудаи андозҳо _______ сомониро ташкил намудааст. Маблағи

иловаҳисобшудаи андоз дар асоси супоришномаи №___, аз «__» ______ соли 20___ ба буҷет гузаронида шудааст.

***Эзоҳ:*** *Агар пардохти маблағи дар рафти санҷиши қаблӣ илова ошкоршуда таъмин нашуда бошад, чораҳои андешидаи мақомот (корманде, ки қаблан санҷиш гузаронида буд) ҷиҳати рӯёнидани маблағҳои иловаошкоршуда баррасӣ карда шуда, дар рафти санҷиши навбатӣ пардохти қарзи андоз аз ҳисоби санҷиши қаблӣ бояд ҳатман ба буҷет таъмин карда шавад.*

1.9. Бонки *(бонкҳои)* хизматрасон:

***Эзоҳ:***

*1) Номи бонки (бонкҳои) хизматрасон, мушаххасоти ҳисобҳои бонкӣ (ҷори бо сомонӣ, бо арзи хориҷӣ, депозитӣ) пурра дарҷ карда мешаванд.*

*2) Дар рафти санҷиш маълумотнома аз бонк оиди ҳисобҳои дошта талаб карда шуда, ҳамзамон масъалаи истифода намудан ва накардан аз карзҳои бонкӣ бояд ҳатман мавриди баррасӣ карор дода шуда. Қайд карда шавад.*

*3) Қаблан амали суратҳисоби андозсупоранда аз ҷониби мақомоти андоз боз дошта шудааст ва ё не. Агар боздошта шуда бошад, асоси боздошт ва ислоҳи камбудиҳои вобаста ба он қайд карда мешавад.*

1.10. Дар давраи зери санҷиш қарор дошта, бо назардошти соли андоз вазни қиёсии андозҳои ҳисобнамудаи андозсупоранда нисбат ба даромади умумӣ ___ фоизро ташкил додааст.

***Эзоҳ:***

*1.Аз ҷониби санҷишгар талаботи Фармоиши дахлдори Кумитаи андоз «Оиди ҳадди миёнаи гаронии андоз» ба инобат гирифта мешавад.*

*2.Нисбати ҳар як соли андоз бо таври алоҳида қайд гардида, дар мавриди аз гаронии миёнаи соҳавӣ паст будани нишондод, ҳар як ҳолат (сабабҳо) дар алоҳидагӣ асоснок карда мешаванд.*

1.11. Дар давраи зери санҷиш қарор дошта аз *(ба)* хориҷи ҷумҳурӣ ба маблағи ___________ сомонӣ молу маҳсулот ворид *(содир)* намуда, ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ андозҳои зеринро пардохт намудааст:

1) Андоз аз арзиши иловашуда - _____________ сомонӣ;

2) Боҷи гумрукӣ - _____________ сомонӣ;

3) Аксиз - _________ сомонӣ.

***Эзоҳ:*** *Маълумот оид ба ҷой доштан ва ё надоштани амалиётҳои содиротию воридотӣ қайд карда мешавад. Мутобиқатии маълумоти омории гумрукии дар ихтиёри андозсупоранда буда ва маълумотҳои гумрукии дар Махзани маълумотҳои Барномаи СИА «Баҳисобгирии андозҳо»-и Кумитаи андоз ҷойгиршуда, қиёс карда шуда, хулосагурӣ карда мешавад.*

1.12. Дар рафти санҷиш ҳисоботҳои моҳона, семоҳа, солона ва эъломияҳои андоз, ки ба Нозироти андоз пешниҳод карда шудааст, ба таври пурра мавриди санҷиш қарор гирифта, ҳисоботи муҳосибии андозсупоранда бо таври ____________ дида баромада шуд.
(пурра, интихоби)

***Эзоҳ:*** *Дар сурати гузаронидани санҷиш дар асоси мактуби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, қайди дахлдор оиди маълумотҳои пешниҳод шуда аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қайд карда шавад.*

1.13. Дурустии ҳисоб ва пардохт намудани андозу пардохтҳои зерин таҳти санҷиш қарор дода шуд:

- ______________________________;
(номгӯи андоз)
- __________________________ ……..;
(номгӯи андоз)

1.14. Мутобиқи талаботи қисми ____ моддаи ____Кодекси андоз андозсупоранда дар низоми ____________________________ андозбандӣ фаъолият намудааст.
(намуди низом-соддакардашуда,умумӣ,...)

***Эзоҳ:*** *Агар андозсупоранда дар давраи зери санҷиш қарор дошта низомҳои гуногуни андозиро истифода намуда бошад, дар қисмҳои дахлдори санади санҷиши қайдҳои зарурӣ оиди риоя шудан ва ё нашудани талаботи моддаи 48 Кодекси андоз ва мактубҳои дастурии Кумитаи андоз оид ба иваз намудани низоми андозбандӣ дарҷ карда мешавад.*

1.15. Ҳамчун супорандаи андоз аз арзиши иловашуда __________ бо гирифтани Шаҳодатномаи силсилаи __ № ____ аз «__» _______ соли 20__ маълумотҳои дахлдорро ба Феҳристи супорандагони ААИ дохил намудааст.

***Эзоҳ:*** *Дар сурати ҳамчун супорандаи ААИ дар қайди макомоти андоз будан дарҷ карда мешавад. Агар шахс ӯҳдадор бошад, ки барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта шавад, аммо барои бақайдгирӣ сари вақт ба мақомоти андоз мурочиат накарда бошад, дар рафти санҷиш бояд ҳатман бо ворид намудани маълумоти дахлдор ба Феҳристи супорандагони ААИ ба низоми умумии андозбандӣ гузаронида шавад. Аз лаҳзаи ба миён омадани уҳдадории иваз намудани низоми андозбандӣ дар қисматҳои дахлдори санади санҷишӣ (андоз аз фоида, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андоз аз арзиши иловашуда) уҳдадориҳои андозсупоранда муайян карда мешаванд.*

1.16. Дар давраи санҷишшаванда мутобиқи мукарраротиқисми 3 моддаи 22, қисми 6 моддаи 23, банди 3), қисми 4, моддаи 28, моддаи 37, 39 ва 40 Кодекси андоз чораи (чораҳои) зерини назоратӣ гузаронида шуданд:

1.____________________________________________________________________________

(санҷишҳои мутакобила, санҷишҳои камералӣ, санҷишҳои амалиётӣ, муоинаи хронометражӣ, назорати қоидаҳои истифодаи МНХ ва ғ.)

***Эзоҳ:*** *Мутобиқи талаботи моддаи 23 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати пайдо шудани шубҳа ба дурустии ҳисоботҳои муҳосибӣ ва андозии андозсупоранда, дарҷ гардидани натиҷаи фаъолият дар эъломияҳои андоз, дар рафти санҷиши ҳуҷҷатии андоз муоинаи хронометражӣ ё дигар чораҳои назоратӣ гузаронида мешавад. Дар сурати анҷом додани дигар шаклҳои назорати андоз қайди дахлдор бо замимаи маводҳои лозима карда мешавад.*

1.17.Натиҷаи инвентаризатсияи молу мулки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда мутобик ба талаботи қисми 1 моддаи 89 Кодекси андоз гузаронида шуд.

***Эзоҳ***: *1. Маълумотнома аз натиҷаи инвентаризатсия ба санад бо имзои андозсупоранда замима карда мешавад.*

*2.Дар кисмати андоз аз молу мулки гайриманқул натиҷаи инвентаризатсия ва дуруст муайян гардидани ӯҳдадориҳои андози молу мулки гайриманқул дарҷ карда мешавад.*

3. Дар банди мазкур натиҷаи инвентаризатсияи молу маҳсулот ва дигар ашъёҳои андозсупоранда, ки барои хариду фурӯш мебошад дар алоҳидаги ва молу мулки (иморат, таҷҳизот, боғоҷхонаҳо ва ғ. дар алоҳидагӣ қайд карда мешавад.

1.18.Андозсупоранда баҳисобгирии даромаду хароҷотҳои худро бо усули ____________________________________ тибқи тартиби мукаррарнамудаи қонунгузорӣ

(шакли пешбурди муҳосибот – хисоби дугона, 1-С ва г.)

таъмин намудааст *(накардааст)*.

***Эзоҳ***: *Дар мавриди бар хилофи конунгузории амалкунанда ба роҳ мондани муҳосибот мутобик ба талаботи Кодекси ҳукуквайронкунии маъмурӣ нисбати андозсупоранда ҷаримаи маъмурӣ татбиқ карда мешавад.*

1.19. Андозсупоранда дар фаъолияти худ аз мошинаи назорати хазинавии дорои хотираи фискалии бо таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электрони муҷаҳҳаз (тамғаи _________) истифода менамояд.

***Эзоҳ***: *Дар мавриди уҳдадор набудани андозсупоранда барои истифодаи МНХ бо дарҷи асоснокӣ дар ин қисмати санад қайди дахлдор карда мешавад.*

*Дар ҳолате, ки қонунгузорӣ истифодаи онро ҳатмӣ муқаррар намудааст, надоштани МНХ ва ё ҳангоми ҷой доштани ҳолати ҳисобаробаркунии нақдӣ дар фаъолитяи андозсупоранда, аммо истифода накардан аз МНХ тибқи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ нисбати андозсупоранда ҷаримаи маъмурӣ татбиқ карда мешавад.*

*Дар қисмати андоз аз фоида (андози тибқи низоми соддакардашуда) ва андоз аз арзиши иловашуда мутобиқатии маълумотҳои дар хотираи фискалии МНХ (аз ҷумла тавассути ТИЭ ба махзани маълумотҳои Кумитаи андоз ирсолшуда) дошта бо эъломияҳои андози ба мақомоти андоз пешниҳодшаванда баррасӣ ва хулосагузорӣ карда мешавад. Дар сурати ҷойдоштани фарқиятҳо тибқи тартиби муқарраршуда дурусти ҳисоб ва пардохти андозҳо муайян карда мешавад. Маълумотҳо аз хитираи фискалии МНХ ба санад замима карда мешаванд.*

*Хангоми гузаронидани санҷиши маҷмӯии андоз бинобар сабаби қатъи фаъолият, дар рафти санҷиш МНХ андозсупоранда ҳатман аз қайди мақомоти андоз бояд баровaрда шавад.*

1.20.Дар давраи зери санҷиш қарор дошта, ______________________________ бо

(номи кутоҳи андозсупоранда)

андозсупорандагони бемасъулият (қисми 51 моддаи 17 Кодекси андоз), ки номгӯяшон бо фармоишҳои алоҳидаи Кумитаи андоз муайян гардидааст, харид ва ё таҳвили мол (иҷрои кор ва хизматрасониҳо) накардааст.

*__Эзоҳ__: Агар бо ин гурӯҳ андозсупорандагон муомилоти молию пулӣ карда бошад, дар қисматҳои дахлдори санади санҷишӣ дарҷ карда шуда, ӯҳдадориҳои андоз тибқи тартиби муқаррааргардида иловатан муайян карда мешавад.*

1.21.Дар қонунгузории андоз нисбати фаъолияти андозсупоранда имтиёзҳои андози муқаррар нагардидааст *(гардидааст)*.

1.22.Мутобиқи санади муқоисавӣ байни нозироти андоз ва андозсупоранда ба ҳолати «__» ______ соли 20___ маблағи бақияи қарзи *(пешпардохти)* андоз __________ сомониро ташкил намудааст. Аз ҷумла:

–________________________;
(номгӯи андоз)

- ______________________.
(номгӯи андоз)

***__Эзоҳ:__***

*1) Санади муқоисави ба давраи огози санҷиш бо имзои андозсупоранда, роҳбари мақомоти андоз, шахси мутассадии нозирот ва санҷишгар тартиб дода мешавад. Асоснокии маблағҳои дар варақаҳои ҳисобаробаркунӣ, санади муқоисавӣ, эъломияҳои андозсупоранда ва ҳуҷҷатҳои тасдиқи пардохт мавриди санҷиш қарор дода шуда, дар ин қисмати санади санҷиши ҳатман қайди дахлдор оид ба дурустӣ ва ё номутобиқатии санади муқоисавӣ дарҷ карда мешавад. Дар сурати ҷой доштани номутобиқатӣ камбудиҳои ҷойдошта бартараф карда мешаванд.*

*2) Дурустии маблағҳои ҳисоб ва пардохтшудаи андозҳои дар санади муқоисавӣ тартиб додашуда аниқ карда мешаванд.*

*3) Асоснокии изофапулии ААИ ё дигар андозҳо дар қисмати дахлдори санади санҷишӣ муфассал қайд карда мешавад.*

*4)Як нусхаи аслии санади муқоисавӣ ба санади санҷишӣ замима карда мешавад.*

1.23. Дар рафти санҷиш ҳисоботҳои андозии андозсупоранда мавриди санчиш қарор ёфта, бо назардошти талаботи банди 3) қисми 4 моддаи 28 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷишҳои мутақобилаи андоз гузаронида нашуд*(шуд)*.

*__Эзоҳ__: Агар санҷишҳои мутакобилаи андоз гузаронида шуда бошад, натиҷааш кайд мегардад. Инчунин агар аз ҷониби дигар шахс (аз тарафи харидор ва ё фурӯшанда) дар ширкати мазкур (соҳибкори инфиродӣ) санҷиши мутақобила гузаронида шуда бошад қайди дахлдор карда мешавад.*

1.24. Нозири *(нозирони)* мутассадии андозсупоранда дар давраи таҳти санҷиш қарор дошта, аз шӯъбаи *(бахши)* хизматрасонӣ ба андозсупорандагон __________________ ва аз
(ному насаб ва мансаби нозир)

Шӯъбаи *(бахши)* баҳисобгирии даромадҳо _________________ мебошанд.
(ному насаб ва мансаби нозир)

## II. Санҷиш муайян кард:

*__Эзоҳ__:*

*1.Дар сурати ошкор гардидани қонунвайронкуниҳои андоз бо истинод ба моддаҳои дахлдори Кодекси андоз ё дигар санадҳои конунгузории андоз асос карда шуда, дар мавриди ҷой надоштани конунвайронкуниҳои андоз дар ин хусус қайди дахлдор карда мешавад.*

*2. Ҳангоми тартиб додани санади санҷишӣ, намудҳои андози дар санади намунавӣ пешбинӣ гардида, вобаста ба фаъолият дар низоми андоз, ӯҳдадориҳои ба миён омада оиди ҳисобу пардохти андозҳо истифода мегардад.*

*3. Таҳлили фаъолияти молияви-хоҷагии андозсупоранда, агар андозсупоранда шахси ҳуқуқи бошад.*

### 1. Андоз аз фоида

________________ мутобиқи талаботи моддаи __ Кодекси андоз супорандаи андоз
*(номи кӯтоҳи андозсупоранда)*

аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ мебошад.

Тибқи маълумотҳои ҳисобварақаи андозсупоранда, ки дар нозироти андоз бурда мешавад андозсупоранда ба санаи __________ аз ин намуди андоз дар назди буҷет ______________
(оғози давраи таҳти санҷиш қарор дода шуда) (ҳақдор ё қарздор)

сомонӣ ҳақдор *(қарздор)* мебошад.

*Маълумотҳои дар ин қисмат дарҷшаванда:*

***Аз рӯи нишондодҳои андозсупоранда.***

*1)Даромади умумӣ, хароҷотҳо, меъёри андоз ва маблаги ҳисобшудаи андоз.*

*2)Нишон додани таркиби хароҷотҳо.*

*3)Пешниҳод кардани эъломияи андоз ва пардохти маблаги андоз.*

*4)Баҳисобгирии андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ нисбат ба пешпардохти андози фоида (ё баръакс) дар*

*ҷамбасти соли андоз.*

Санҷиши ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ ва баррасии дурустии дар эъломияи андоз дарҷ намудани ӯҳдадориҳои андозӣ муайян кард, ки …

***Аз рӯи нишондодҳои санҷиш.***

1) *Дурустии дар ҳисобварақаи андозсупоранда дарҷ гардидани маблағҳои ҳисоб ва пардохташудаи андоз.*
2) *Дурустии истифодаи низоми андоз.*
3) *Муқоисаи нишондодҳои тавозуни муҳосибӣ ба эъломияҳои андоз. Баррасии масъалаи дурусти дарҷи нишондодҳо дар тавозуни муҳосибӣ (замимаҳо ба тавозун) ва сари вақт пешниҳод намудани тавозун ба мақомоти андоз.*
4) *Дар эъломияҳои андоз мутобиқи қонунгузории андоз ба инобат гирифтани нархи бозорӣ ва муайян кардани даромади умумӣ.*
5) *Баррассии дурустӣ ва асоснокии хароҷотҳо, имтиёзи андозӣ, меъёри андоз мутобиқи талаботи Кодекси андоз.*
6) *Нишондоди МНХ ва мутобиқатии ба маълумоти дар эъломияи андоз дарҷ шуда.*
7) *Дурустии муайян намудани пардохтҳои ҷории андоз аз фоида ва баҳисобгирии он нисбати андози фоида дар ҷамъбасти соли андоз.*
8) *Дар санад оид ба ҷой доштан ва ё надоштани ҳолатҳои пешниҳод намудани эъломияхои ислоҳотӣ (тасҳаҳӣ) ва ё иловагӣ барои давраҳои таҳти санҷиш қарор дода шуда қайд карда мешавад. Дар сурати ҷой доштани чунин ҳолатҳо, бо назардошти натиҷаи санҷиши ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ, асоснокии чунин эъломияҳо дар санад қайд карда мешаванд.*
9) *Риояи дигар муқарраротӣ алоқаманд ба андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ.*
10) *Маблағҳои иловаги ҳисобкардашуда бо моддаҳои дахлдор ва шарҳи мухтасари вайронкардани қонунгузории андоз асоснок карда мешавад.*

***<u>Эзоҳ:</u>*** *Нусхаи тавозуни муҳосибӣ ва рӯйхати дебиторон ва кредиторон, алоҳида ба санад замима карда мешавад.*

## Пардохтҳои ҷории (пешпардохти) андоз аз фоида

_____________ мутобиқи талаботи моддаи __ Кодекси андоз уҳдадор аст, ки пешпардохти
*(номи кӯтоҳи андозсупоранда)*
андоз аз фоидаро ба буҷет таъмин намояд.

*Маълумотҳои дар ин қисмат дарҷшаванда:*

***Аз рӯи нишондодҳои андозсупоранда.***

1) *Даромади умумии андозсупоранда, меъёри андоз ва маблаги ҳисобшудаи андоз, санҷиши дурустии истифодаи коэфиссиент.*
2) *Пешниҳод кардани эъломияи андоз ва риояи мӯхлати пардохти маблаги андоз.*
3) *Баҳисобгирии пардохтҳои ҷорӣ нисбати андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ (ё баръакс) дар ҷамбасти соли андоз.*

Санҷиши ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ ва баррасии дурустии дар эъломияи (ҳисоботи) андоз дарҷ намудани ӯҳдадориҳои андозӣ муайян кард, ки …

***Аз рӯи нишондодҳои санҷиш.***

1) *Дурустии дар ҳисобварақаи андозсупоранда дарҷ гардидани маблағҳои ҳисоб ва пардохташудаи ин андоз.*
2) *Дар эъломияҳои андоз мутобиқи қонунгузории андоз ба инобат гирифтани нархи бозорӣ ва муайян кардани даромади умумӣ.*
3) *Баррассии дурустии истифодаи имтиёз ва меъёри андоз, коэфиссиент мутобиқи талаботи Кодекси андоз.*
4) *Дурустии муайян намудани пардохтҳои ҷории андозифоида ва баҳисобгирии он дар эъломияи андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ дар ҷамбасти соли андоз, ё баръакс.*
5) *Нишондоди МНХ ва мутобиқатии ба маълумоти дар эъломияи андоз дарҷ шуда.*
6) *Риояи дигар муқарраротӣ алоқаманд ба пардохтҳои ҷорӣ.*
7) *Маблағҳои иловаги ҳисобкардашуда бо моддаҳои дахлдор ва шарҳи мухтасари вайронкардани қонунгузории андоз асоснок карда мешавад.*

## 2.Андоз аз даромад

_________________________ мутобиқи талаботи моддаи __ Кодекси андоз ҳамчун агенти
(номи кӯтоҳкардашудаи андозсупоранда, шахси ҳуқуқӣ ва ё соҳибкори инфироди)
андоз ба зиммаш сари вакт ҳисоб намудан, аз манбаи пардохт нигоҳ доштан ва буҷети дахлдор гузаронидани андоз аз даромади шахсони воқеӣ гузошта шудааст.

Тибқи маълумотҳои ҳисобварақаи андозсупоранда, ки дар нозироти андоз бурда мешавад андозсупоранда ба санаи __________ аз ин намуди андоз дар назди буҷет __________ сомонӣ мебошад(огози давраи тахти санчиш қарор дода шуда) (хақдор ё қарздор)

*Маълумотҳои дар ин қисмат дарҷшаванда:*

***Аз рӯи нишондодҳои андозсупоранда.***

1) *Шумораи кормандон, фонди музди меҳнат.*
2) *Манбаи андоз, андози ҳисобшуда ва маблаги андози ба буҷет гузаронидашуда.*

Санҷиши ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ ва баррасии дурустии дар эъломияи (ҳисоботи)

андоз дарҷ намудани ӯҳдадориҳои андозӣ муайян кард, ки …

***Аз рӯи нишондодҳои санҷиш.***

*1) Дурустии дар ҳисобварақаи андозсупоранда дарҷ гардидани маблағҳои ҳисоб ва пардохташудаи андози даромад аз шахсони воқеии кироякор.*

*2) Баррассии дар ҳисобтҳо дуруст нишон додани шумораи кормандон.*

*3) Риоя гардидани талаботи Кодекси андоз оид ба музди меҳнати миёнаи оморӣ дар шаҳру ноҳияҳо.*

*4) Баррасии дигар даромадҳо, ки метавонанд кори кироя маҳсуб ёбанд.*

*5) Маблағҳои иловаги ҳисобкардашуда бо моддаҳои дахлдор ва шарҳи мухтасари вайронкуниҳои қонунгузории андоз асоснок карда мешавад.*

*6) Инчунин, дар ин қисмати санад оид ба дурустии дар манбаи пардохт нигоҳ доштани андози даромад аз дигар сарчашмаҳо, аз ҷумла пардоти дивиденд, фоизҳо ва дигар шаклҳои даромад, ки ба шахсони воқеӣ пардохта мешавад, маълумот дода мешавад.*

***<u>Эзоҳ:</u>*** *1.Дар шакли алоҳида оиди андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоӣ маълумотнома ба санад замима карда мешавад.*

## 3.Андоз аз арзиши иловашуда

____________________ мутобиқи маълумотҳои Феҳристи супорандагони андоз аз
*(номи кӯтоҳи андозсупоранда)*

арзиши иловашуда (ААИ), бо гирифтани Шаҳодатномаи силсилаи __ №___ аз _________ , тибқи талаботи моддаи __ Кодекси андоз супорандаи ААИ эътироф гардидааст.

Тибқи маълумотҳои ҳисобварақаи андозсупоранда, ки дар нозироти андоз бурда мешавад андозсупоранда ба санаи ___________ аз ин намуди андоз дар назди буҷет ___________
(оғози давраи тахти санҷиш қарор дода шуда) (ҳақдор ё қарздор)

сомонӣ мебошад.

*Маълумотҳои дар ин қисмат дарҷшаванда:*

***Аз рӯи нишондодҳои андозсупоранда.***

*1)Даромади умумӣ (аз ҷумла андозбандинашаванда, меъёри сифрӣ, озод), маблағи ҳисобшудаи ААИ, маблағҳои баҳисобгирифташавандаи ААИ, меъёри андоз ва маблағи барои пардохт (ё баҳисобгирӣ) ҳисобнамудаи андозсупоранда;*

*2) Пешниҳод кардани эъломияи андоз ва пардохти маблағи андоз.*

*3) Бақияи ҳисобнома – фактураҳои аз рӯи ААИ ва аксизҳо дар оғози санҷиш, истифода шуда ва бақия дар охири санҷиш.*

Санҷиши ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ ва баррасии дурустии дар эъломияи андоз дарҷ намудани ӯҳдадориҳои андозӣ муайян кард, ки …

***Аз рӯи нишондодҳои санҷиш.***

*1) Баррасии риояи тартиби бақайдгирии (бекоркунии бакайдгирии) супорандаи ААИ.*

*2) Дурустии дар ҳисобварақаи андозсупоранда дарҷ гардидани маблағҳои ҳисоб ва пардохташудаи андоз.*

*3) Дар эъломияҳои андоз мутобиқи қонунгузории андоз ба инобат гирифтани нархи бозорӣ ва муайян кардани даромади умумӣ.*

*4) Баррассии эътимоднокии ҳуҷҷатгузории хариди молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) ва асоснокии ААИ-и баҳисобгирифташаванда.*

*5) Дурустии ҳисоби ААИ, ҳангоми доштани муомилоти озод.*

*6) Риояи дигар муқаррароти алоқаманд ба ААИ.*

*7) Ҳангоми ҷойдоштани маблағи изофапулии андоз аз арзиши иловашуда дурустии он дида баромада мешавад, ки дар кадом асос маблағи изофапули ба миён омадааст. Дар ҳолати аз ҳисоби хариди молу мавод ва дигар ашё будан асоснокии он бо инвентаризатсияи бақияи молу мавод тасдиқ карда мешавад.*

*8) Риояи тартиби истифодаи ҳисобнома – фактураҳои аз рӯи ААИ ва аксизҳо мавриди санҷиш қарор дода мешавад.*

*9) Нишондоди МНХ ва мутобиқатии ба маълумоти дар эъломияи андоз дарҷ шуда.*

*10) Истифодаи Дафтари бакайдгирии ҳисобнома – фактураҳои аз рӯи ААИ ва аксизҳо дар фаъолият.*

*11) Дурустии таҳия ва пешниҳоди ҳисобнома – фактураҳои ААИ, дурустии ворид намудани маълумотҳо ба барномаи СИА «ААИ ва пайгирии ҳисобнома – фактура» мавриди санҷиш ва хулосагузорӣ қарор дода шуда,дар санад қайди дахлдор карда мешавад.*

*12)Дар санад оид ба ҷой доштан ва ё надоштани ҳолатҳои пешниҳод намудани эъломияхои ислоҳотӣ ва ё иловагӣ барои давраҳои таҳти санҷиш қарор дода шуда қайд карда мешавад. Дар сурати ҷой доштани чунин ҳолатҳо, бо назардошти натиҷаи санҷиши ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ, асоснокии чунин эъломияҳо дар санад қайд карда мешаванд.*

*13) Риояи дигар муқаррароти алоқаманд ба ААИ.*

*14) Маблағҳои иловаги ҳисобкардашуда бо моддаҳои дахлдор ва шарҳи мухтасари вайронкардани қонунгузории андоз асоснок карда мешавад.*

## 4.Андози аксизӣ

___________________ мутобиқи талаботи моддаи __ Кодекси андоз супорандаи андози
*(номи кӯтоҳи андозсупоранда)*

аксизӣ мебошад.

Тибқи маълумотҳои ҳисобварақаи андозсупоранда, ки дар нозироти андоз бурда мешавад андозсупоранда ба санаи ___________ аз ин намуди андоз дар назди буҷет _________________
(огози давраи тахти санҷиш қарор дода шуда) (ҳаҷдор ё қарздор)

сомонӣ мебошад. Дар давраи зери санҷиш қарор дошта андозсупоранда намудҳои зерини фаъолияти бо андози аксизӣ андозбандишавандаро амалӣ намудааст:

______________________________;
(намуди фаъолият)

____________________________........
(намуди фаъолият)

*Маълумотҳои дар ин қисмат дарҷшаванда:*

***Аз рӯи нишондодҳои андозсупоранда.***

*1) Даромади умумӣ, аз ҷумла бо андози аксизӣ андозбандишаванда, меъёри андоз ва маблаги ҳисобшудаи андоз.*

*2) Пешниҳод кардани эъломияи андоз ва пардохти маблаги андоз.*

Санҷиши ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ ва баррасии дурустии дар эъломияи (ҳисоботи) андоз дарҷ намудани ӯҳдадориҳои андозӣ муайян кард, ки …

***Аз рӯи нишондодҳои санҷиш.***

*1) Дурустии дар ҳисобварақаи андозсупоранда дарҷ гардидани маблагҳои ҳисоб ва пардохташудаи андоз.*

*2) Дар эъломияҳои андоз мутобиқи қонунгузории андоз ба инобат гирифтани нархи бозорӣ ва муайян кардани даромади умумӣ.*

*4) Баррассии эътимобнокии ҳуҷҷатгузории хариди молҳои зераксизӣ ва маблаги баҳисобгирифташавандаи андози аксизӣ.*

*5) Дурустии истифодаи меъёрҳои андози аксизӣ.*

*6) Риояи дигар муқаррароти алоқаманд ба андози аксизӣ.*

7) Маблағҳои иловаги ҳисобкардашуда бо моддаҳои дахлдор ва шарҳи мухтасари вайронкардани қонунгузории андоз асоснок карда мешавад.

### 5.Андози иҷтимоӣ

**1) Дар мавриди соҳибкори инфиродӣ:**

____________________ мутобиқи талаботи моддаи __ Кодекси андоз соҳибкор
*(номи кӯтоҳи андозсупоранда)*
супорандаи андози иҷтимои мебошад.

Дар давраи зери санҷиш қарор дошта даромади умумии соҳибкор ____ сомониро ташкил додааст, ки бо татбиқи меъёри 1% андози иҷтимоӣ маблағи андози иҷтимои ________ сомониро ташкил медихад.

Мутобиқ ба талаботи қисми ____ моддаи Кодекси андоз соҳибкор пардохти андози ичтмоии соҳибкор дар моҳи ҳисобти бояд на кам аз ______ сомониро ташкил намояд.

Дар давраи таҳти санҷиш қарор дошта, соҳибкор бо татбиқи меъёри 1% ___________ сомони андози ичтимоиро ба буҷети ҳифзи ичтимоӣ пардохт намудааст *(ва ё ин, ки бо назардошти аз ҳадди андози иҷтимоии моҳона кам будани маблағҳои ҳисобшудаи андоз, соҳибкор ҳар моҳ бо истифода аз ҳадди баландтарини андози иҷтимоӣ пардохти ин андозро ба фонди ҳифзи иҷтимоӣ таъмин намудааст)*.

Тибқи маълумотҳои ҳисобварақаи андозсупоранда, ки дар нозироти андоз бурда мешавад андозсупоранда ба санаи ___________ аз ин намуди андоз дар назди буҷет ___________ сомонӣ мебошад(огози давраи тахти санҷиш қарор дода шуда)
(ҳаҷдор ё қарздор)

*Маълумотҳои дар ин қисмат дарҷшаванда:*

***Аз рӯи нишондодҳои андозсупоранда.***

*1) Даромади умумии соҳибкор, меъёри (ҳадди) андози иҷтимоии истифода шуда ва маблаги ҳисобшудаи андоз. Рақами инфиродии сугуртавӣ дарҷ карда мешавад.*

*2) Пешниҳод кардани эъломияи андоз ва пардохти маблаги андоз.*

*4) Таркиби тарҳҳои андози иҷтимоӣ, агар соҳибкор тарҳ намуда бошад.*

Санҷиши ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ ва баррасии дурустии дар эъломияи андоз дарҷ намудани ӯҳдадориҳои андозӣ муайян кард, ки …

***Аз рӯи нишондодҳои санҷиш.***

*1) Дурустии дар ҳисобварақаи андозсупоранда дарҷ гардидани маблагҳои ҳисобу пардохташудаи ин андоз.*

*2) Дар эъломияҳои андоз мутобиқи қонунгузории андоз ба инобат гирифтани нархи бозорӣ ва муайян кардани даромади умумӣ.*

*2) Баррасии андози иҷтимоии ҳисоб намудаи соҳибкор ба ҳадди баландтарини андози иҷтимоӣ, ки аз ҷониби*

*Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаррар кардааст.*

*4) Баррассии дурустӣ ва асоснокии тарҳҳои андози иҷтимоии соҳибкор, агар тарҳ намуда бошад.*

*5) Маблағҳои иловаги ҳисобкардашуда бо моддаҳои дахлдор ва шарҳи мухтасари вайронкардани қонунгузории андоз асоснок карда мешавад.*

3) **Дар мавриди кормандони кироя:**

_________________ мутобиқи талаботи қисми __моддаи _ Кодекси андоз барои мақсадҳои
*(номи кӯтоҳи андозсупоранда)*

суғуртаи иҷтимоӣ супорандаи андози иҷтимоӣ мебошад.

Тибқи маълумотҳои ҳисобварақаи андозсупоранда, ки дар нозироти андоз бурда мешавад андозсупоранда ба санаи ___________ аз ин намуди андоз дар назди буҷет ___________ сомонӣ мебошад. (огози давраи таҳти санҷиш қарор дода шуда) (ҳақдор ё қарздор)

*Маълумотҳои дар ин қисмат дарҷшаванда:*

***Аз рӯи нишондодҳои андозсупоранда.***

*1) Шумораи кормандон, фонди музди меҳнат .*

*2) Манбаи андоз, хароҷотҳои андози иҷтимоӣ, меъёри андоз, андози ҳисобшуда ва маблағи андози ба фонди ҳифзи иҷтимоӣ гузаронидашуда.*

Санҷиши ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ ва баррасии дурустии дар эъломияи андоз дарҷ намудани ӯҳдадориҳои андозӣ муайян кард, ки …

***Аз рӯи нишондодҳои санҷиш.***

*1) Дурустии дар ҳисобварақаи андозсупоранда дарҷ гардидани маблағҳои ҳисоб ва пардохташудаи андози иҷтимоии шахсони воқеии кироякор.*

*2) Баррассии дар ҳисобтҳо дуруст нишон додани шумораи кормандони кироя.*

*3) Риоя гардидани талаботи Кодеки андоз оид ба музди меҳнати миёнаи оморӣ дар шаҳру ноҳияҳо.*

*4) Баррасии дигар даромадҳо, ки метавонанд кори кироя маҳсуб ёбанд.*

*5) Риояи дигар муқарраротиалоқаманд ба андои иҷтимоии кормандони кироя.*

